БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛИ ЗАБОНОМӮЗӢ ДАР ҶАЛАСАИ ШУРОИ ОЛИМОН

24 ноябри соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои олимон баргузор гардид. Ҷаласаро директори Пажӯҳишгоҳ Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа шинос кард. Зимни суханронӣ таъкид гардид, ки дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот, тақвияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва мутобиқ намудани раванди таълим ба талаботи замони муосир, таҳқиқи масъалаҳои мубрами забономӯзӣ, бахусус дар муассисаҳои таълимии камнуфус, аз самтҳои муҳимми фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба рӯзномаи ҷаласа масъалаи «Ҷанбаҳои педагогии забономӯзии хонандагон дар мактаб (синф)-ҳои камнуфус дар ҳошияи Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030 (дар мисоли ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ)» - Ҷонмаҳмадова Г. Ш., номзади илмҳои педагогӣ, ходими илмии шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳ, гузориш пешниҳод намуд. Меҳвари масъалаи баррасишавандаро омӯзиши вазъи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии камнуфус, муайян намудани мушкилоти педагогию методии забономӯзӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълими забонҳои хориҷӣ ташкил дод. Масъалаҳои такмили маҳорати касбии омӯзгорон, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ, таъминоти илмӣ-методии раванди таълим ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули салоҳиятҳои забонии хонандагон аз самтҳои муҳими мавзуи таҳқиқот ба ҳисоб мераванд. Тибқи рӯзномаи ҷаласаи Шурои олимон, масъалаҳои ҷории фаъолияти Пажӯҳишгоҳ низ мавриди барзрасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, мавзуъҳои рисолаҳои илмии унвонҷӯёни соли якум мавриди муҳокима қарор гирифта, вобаста ба самт, мазмун ва роҳбарии илмии онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Зимни муҳокима аъзои Шӯрои олимон доир ба мубрамияти мавзуъҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, мутобиқати онҳо ба самтҳои афзалиятноки рушди илму маориф ва зарурати тақвияти сифати корҳои диссертатсионӣ фикру андешаҳои худро иброз намуданд. Дар анҷоми ҷаласа аз рӯйи ҳамаи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, ҷиҳати иҷрои босифат ва саривақтии онҳо ба масъулон супоришҳои мушаххас дода шуданд.











